Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30»марти соли 2017, №3/11 тасдиқ карда шуд.

# Тартиби номгузорӣ намудани муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, литсей ва гимназияҳо дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби номгузорӣ намудани муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, литсей ва гимназияҳо дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Тартиб) дар асоси банди 11 Тартиби номгузорӣ ва дигар кардани номи корхонаҳои давлатӣ, истгоҳхои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо, таълимгоҳҳо, инчунин объектҳои физикию ҷуғрофӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009, №609) таҳия гардида, минбаъд низоми абадӣ гардонидани хотираи шоирон ва мутафаккирони ниёгон, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, муҳофизони Ватан, ходимони илм ва адаб, маориф ва фарҳангро муайян ва муқаррар менамояд.

2.Номгузорӣ намудани муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, литсей ва гимназияҳо дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Номгузорӣ) бо мақсади пос доштани хотираи шоирон ва мутафаккирон, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, муҳофизони Ватан, ходимони илм ва адаб, маориф ва фарҳанг, арҷгузорӣ ба ҷашну санаҳои таърихӣ амалӣ гардида, барои ҳалли масъалаҳои зерин дар муассиса мусоидат менамояд:

-барои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва шуури шаҳрвандии хонандагон;

-ҷиҳати баланд бардоштани тарбияи ватандӯстии хонандагон;

-мусоидат барои болоравии сатҳи донишҳои таърихӣ, хусусан таърихи кишвар.

3.Додани номи якхела ба ду ва зиёда муассисаи таълимӣ дар доираи як воҳиди марзиву маъмурӣ манъ аст.

Ҳамчунин, номгузорӣ намудани муассисаи хурди таълимӣ (муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ) қобили қабул шуморида намешавад.

5.Номи муассисаи таълимиро танҳо дар ҳолати истисноӣ ва тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар кардан мумкин аст.

## 2.ТАРТИБИ НОМГУЗОРӢ НАМУДАНИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

6.Номгузорӣ танҳо дар асоси талаботи банди 11 «Тартиби номгузорӣ ва дигар кардани номи корхонаҳои давлатӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо, таълимгоҳҳо, инчунин объектҳои физикию ҷуғрофӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009, №609) ва Тартиби мазкур амалӣ карда мешавад.

7.Номгузории муассисаҳои таълимӣ ба номи шоирон ва мутафаккирони ниёгон, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, муҳофизони Ватан, ходимони илм, маориф ва фарҳанг, ҷашну санаҳои таърихӣ бо қарори маҷлиси умумии коллективи омӯзгорон ва хонандагон сурат мегирад.

8.Барои номгузорӣ намудани муассисаи таълимӣ директори муассиса ба мақомоти маҳалии идоракунии маориф бо пешниҳод муроҷиат менамояд.

Ба пешниҳоди муассисаи таълимӣ ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

-протоколи маҷлиси умумии коллективи омӯзгорон ва хонандагони муассиса ва қарори Шӯрои педагогӣ;

-мактуби ташреҳӣ (асоснома) бо далелҳо ва зарурати номгузорӣ намудани муассисаи таълимӣ;

-нусхаи Оинннома ва шаҳодатнома дар бораи қайди давлатии муассисаи таълимӣ.

9.Мактуби ташреҳӣ (асоснома)  бояд дар бар гирад:

-номи муассисаи таълимӣ, ки номгузорӣ мешавад;

-номи муассисаи таълимӣ баъди он ки номгузорӣ мешавад;

-маълумот дар бораи шоир ва мутафаккири халқи тоҷик, арбоби давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, муҳофизи Ватан, ходими илм ва адаб, маориф ва фарҳанг,ҷашну санаҳои таърихӣ ки муассисаи таълимӣ номгузорӣ мешавад (агар шахси номгузоришаванда ба муассисаи таълимӣ робита дошта бошад, дар алоҳидагӣ қайд мегардад).

10.Мақомоти маҳаллии идоракунии маориф баъд аз омӯзиши амиқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дар давоми на зиёда аз ду ҳафта онро ба Комиссияи номгузории назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол менамояд.

11.Масъалаи номгузории муассисаи таълимӣ дар назди Комиссияи номгузории назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки барои абадӣ гардонидани хотираи шоирон ва мутафаккирон, ходимони илм ва адаб, маориф ва фарҳанг таъсис дода шудааст, пешакӣ баррасӣ гардида, ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода карда мешавад.

12.Номгузорӣ ва дигар кардани номи муассисаи давлатии таълимии тобеи маҳаллиро маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки муассисаҳо дар ҳудуди он ҷойгиранд, дар асоси банди 11 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009, №609 дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

13.Баъди баррасӣ ва қабули қарор ҳуҷҷатҳо барои номгузорӣ ва дигар кардани номи муассисаи таълимӣ бо пешниҳоди раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба Комиссияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи номгузорӣ намудани муассисаҳои соҳаи маориф (минбаъд-Комиссия)  супорида мешавад.

14.Комиссия бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба он вазири маориф ва илм роҳбарӣ менамояд.

15.Ҳайати Комиссия аз даҳ нафар иборат буда, ба он муовини якум, муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ду сармутахассис (аз раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот) ва котиби масъул (аз раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ) дохил мешаванд.

16.Фаълияти Комиссия доимоамалкунанда буда, аз натиҷаи корҳои анҷомдода дар як сол 2 маротиба ба раиси Комиссия ҳисобот пешниҳод менамояд. Раиси Комиссия ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ аз фаъолияти кори комиссия ҳисоботи пеш аз мухлат талаб намояд.

17.Назорати фаъолияти кори Комиссия ба зиммаи муовини якуми вазири маориф ва илм гузошта мешавад.

18.Ба Комиссия ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

-протоколи маҷлиси умумии коллективи омӯзгорон ва хонандагони муассисаи таълимӣ, қарори Шӯрои педагогӣ;

-мактуби ташреҳӣ (асоснома) бо далелҳои зарурати номгузорӣ ва дигар намудани номи муассисаи таълимӣ;

-пешниҳоди бо мақомоти дахлдори болоӣ мувофиқакардашуда дар бораи номгузорӣ ва дигар кардани ном;

-ҳисоби хароҷот оид ба номгузорӣ ё номивазкунии муассисаи таълимӣ;

-мактуби дастгирии мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия).

19.Комиссия ваколатҳои зерин дорад:

-ҳуҷҷатҳоро арзёбӣ менамояд;

-хулосаро оид ба имконпазирии абадӣ гардонидани хотира ва ё тибқи асосҳои далелнок рад намудани он таҳия менамояд;

20.Номгузорӣ ва дигар кардани номи муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

21.Шаклҳои асосии номгузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чунин аст:

-додани ном ба муассиса;

-гузоштани лавҳаи хотиравӣ дар муассисаи таълимӣ ё объекти дигар;

-гузоштани муҷассама, нимпайкара.

22. Ба номи арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳофизи Ватан, ходими илм ва адаб, маориф ва фарҳанг, ки дар қайди ҳаёт мебошад, инчунин шахсони доғи судидошта номгузорӣ намудани муассисаи таълимӣ манъ аст.